# ПРОТОКОЛИ № 7

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

Аз 17 апрели соли 2026 — ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 9 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024 №146/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд, аз инҳо 4 нафарашон доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Мухтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи "Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Рӯзиев Тӯйчи Бадалович ва аъзои комиссия доктори илмҳои кишоварзӣ Аҳмадалиев Н.А. ва номзади илмҳои кишоварзи Наботов С.Қ. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи "Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб", ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба ба диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи "Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб", ки барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи "Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди казоқӣ дар шароити минтакаи Кӯлоб", барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Мукарризонӣ расмӣ таъин карда шаванд:

- **Рӯзибоев Нураддин Рахимович** – доктори илмҳои кишоварзӣ мудири шуъбаи Оҳангаронӣ Институти илмӣ – тадкикотии чорводорӣ ва парандапарварии Ҷумҳурии Узбекистон;

- **Ҷурабегзода Абдуҷабор Ҷурабег-** номзади илмҳои кишоварзӣ дотсент, декани факултети зооинженерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

3. Ба сифати муассисаи пешбар - **Институти илмӣ - тадкиқотии чорводорӣ ва чарогоҳи Қиркизистон** таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода швад.

5. Барои чопи авторефератт бо ҳукуки дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 26 июни соли 2026 соати 14:00 мукаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона кабул карда шуд.**

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ Ш.Т. Раҳимов

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ Ф.Ҷ. Шералиев